«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и. дотсент
_______________Асрорзода У.С.
«14» 03 2025 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Анушервони Исрофил таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - одатҳо дар муомилоти маданӣ бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ аҳамияти калон доранд, зеро онҳо сарчашмаи муҳими ҳуқуқ мебошанд. Одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ метавонанд норасоиҳои қонунгузориро пур кунанд ва инчунин дар тафсири қоидаҳои ҳуқуқӣ кумак кунанд. Ба ғайр аз ин, одатҳо метавонанд хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа ва самтҳои арзишманди онро инъикос намоянд, ки барои танзими ҳуқуқӣ низ муҳим аст.

Одатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамчун яке аз қадимтарин сарчашмаҳои ҳуқуқ баромад мекунанд, то имрӯз дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муайян мебозанд. Одатҳои ҳуқуқӣ яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Имконияти истифодаи он дар ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла, қонунгузории маданӣ пешбинӣ шудааст.

Аҳамияти мавзуи одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ инчунин бо тағйирпазирии онҳо дар шароити ҷомеаи муосир алоқаманд аст. Дар ҷаҳони муосир тағйироти босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ ба вуқуъ меоянд, ки

метавонанд ба ташаккул ва татбиқи одатҳо таъсир расонанд. Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи маданӣ омузиш ва таҳлили одатҳо барои мутобиқ намудани низоми ҳуқуқӣ ба шароит ва талаботи муосири ҷомеа муҳим аст.

Ниҳоят, одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ барои ҳалли низоҳо ва баҳсҳо низ аҳамияти амалӣ доранд. Донистани одатҳо имкон медиҳанд, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ хусусиятҳо ва анъанаҳои маҳаллӣ ба таври кофӣ ба назар гирифта шаванд, ки ин ба адолат ва самаранокии ҳифзи ҳуқуқӣ шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Одатҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ татбиқ кардан мумкин аст. Васеъ будани истифодаи одатҳо дар ягон соҳаи фаъолият маънои онро дорад, ки он ба ҳамаи субъектҳои ба ин намуди фаъолият машғулбуда маълум аст. Хусусияти ҷолиби истифодаи одатҳо дар огоҳии он дар сатҳи эҳсоси субъект аст. Субъектҳо боварӣ доранд, ки ин меъёри ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, аммо сарчашмаи онро дақиқ муайян карда наметавонанд.

Ҳамин тавр, мавзуи одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ барои дарк ва рушди низоми ҳуқуқии ҷомеа мубрам ва муҳим боқӣ мемонад. Ба сифати навъи алоҳидаи одатҳо метавон одатҳои муомилоти кориро ҷудо намуд, ки ҷанбаи муҳими ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи онҳо махсусан дар заминаи муносибатҳои тиҷоратӣ ва савдоӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Ин одатҳо метавонанд вобаста ба соҳа, минтақа ё фарҳанг фарқ кунанд, аммо ҳамеша барои танзими амали тарафҳо ҳангоми бастан ва иҷрои шартномаҳо, инчунин ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳои эҳтимолӣ пешбинӣ шаванд.

Аҳамияти омузиши одатҳои муомилоти корӣ бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад. Якум, онҳо сарчашма муҳими меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, аксар вақт қонунгузориро ба хусусиятҳои амалияи соҳибкорӣ пурра ва ё мутобиқ мекунанд. Дуюм, онҳо инчунин ба стандартизатсиякунонӣ ва муттаҳидсозии равандҳо дар дохили баъзе соҳаҳо ё минтақаҳо кумак мерасонанд, ки ҳамкории мутақобила байни тарафҳоро осон мекунад.

Зарурати баланд бардоштани мақоми одатҳо, ки ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои молумулкӣ баромад мекунад, пеш аз ҳама бо зарурати таҳаввулоти назариявӣ, ки ба дарки амиқ ва фаҳмиши табиати ҳуқуқии падидаи баррасишаванда мусоидат мекунад, асосноккунии шароит ва имконияти дар амал татбиқ намудани он, ташаккули консепсияи муосири одатҳо ҳамчун сарчашмаи мубрами дахлдори ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос мегардад.

Ҳамин тавр, одатҳо як ҷанбаи мубрам ва муҳими ҳуқуқи маданӣ боқӣ монда, дар муомилоти маданӣ ва танзими муносибатҳои соҳибкорӣ, таъмини устуворӣ ва пешгуии онҳо нақши муҳим мебозанд.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷуй дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

нақши одатҳо дар муомилоти маданӣ саҳми назарраси худро гузоштааст, Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла:

1) Мафҳум ва моҳияти одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи маданӣ таҳқиқ ва муайян гардидаанд;

2) Хусусиятҳои одатҳои муомилоти маданӣ ва татбиқи одатҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳлил ва мавриди омузишу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд;

3) Таносуби одатҳои муомилоти маданӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоие, ки ҳангоми танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ошкор карда шудаанд;

4) Хусусияти ҳуқуқии одатҳои муомилоти маданӣ дар муносибатҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва қоидаҳои Инкотермс, Принсипҳои шартномаҳои байналмилалии УНИДРУА, қоидаҳои ягонаи ПБС ва дигар сарчашмаҳои ғайрирасмии кодификатсияшуда нисбат ба одатҳои савдои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муайян гардидаанд;

5) Дар натиҷаи омӯзиши муқаррароти санадҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст, ки ҷамъбасти аломатҳои одатҳои ҳуқуқи маданӣ ба мо имкон медиҳад, эътироф намоем, ки он маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқат мекунанд, ки дар як соҳаи муайяни фаъолияти инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷомеа дар натиҷаи такрори яккхела ташаккул ёфтаанд, ки шаклҳои муайяни рафтори барои онҳо ҳатмӣ ва бо маҷбуркунии иҷтимоӣ таъмингардида мебошад. Онҳо барои танзими муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ мувофиқи иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи қонун истифода мешаванд;

6) Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти дисертатсионӣ дар асоси усулҳои умумии илмӣ ва алоҳида муайян карда шудааст, ки одатҳо дар фарқият ба дигар меъёру ҳуқуқҳои иҷтимоӣ шакли хаттиро талаб намекунад, яъне, ифодаи зоҳирии он - ин қоидаҳои муқаррарии рафтори доираи шахсони номуайян мебошад, ки муносибатҳои ногусастанӣ доранд, ки амали иштирокчиёни муомилоти маданиро танзим мекунанд;

7) Ба ақидаи муаллиф одатҳои муомилоти маданиро аз лиҳози назариявию амалӣ ба таври зайл тасниф кардан мумкин аст: - аз рӯи сабти ҳуҷҷатӣ; - аз рӯи ҳудуди татбиқнамоӣ ва амалкунӣ; - аз рӯи шакли ифода дар меъёрҳои ҳуқуқӣ. Бо ин асосҳо муаллиф қайд менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми одатҳои муомилоти корӣ вуҷуд надорад. Тибқи мафҳуми ҳуқуқии одатҳои муомилоти корӣ, ки дар қисми 1 моддаи 5 КМ ҶТ оварда шудааст, онро сарфи назар аз он ки дар

ягон ҳуҷҷат ба қайд гирифта шудааст ё не, истифода бурдан мумкин аст. Муаллиф дар асоси бақайдгирии онҳо дар ҳуҷҷатҳо, одатҳои муомилоти маданиро аз одатҳои дар ҳуҷҷат сабтшуда ва ба қайд гирифтанашуда фарқ мекунад. Одатҳои муомилоти мадание, ки дар ҳуҷҷатҳо тартиб дода шудаанд, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчун одатҳои муомилоти маданӣ, ки дар ҳуҷҷатҳо инъикос ёфтаанд ва одатҳои муомилоти маданӣ, ки дар ҳуҷҷатҳо қайд нашудаанд - одатҳои муомилоти маданӣ, ки мазмуни онҳо дар ҳуҷҷат қайд карда нашудааст, ҳисоб мекунанд. Ба андешаи муаллиф, тасниф намудани одатҳои муомилоти маданиро аз рӯи ба қайд гирифтани онҳо дар ҳуҷҷатҳо зарур аст. Ба андешаи муҳаққиқ, инчунин таснифи одатҳои муомилоти маданӣ аз рӯи доираи татбиқи онҳо (ҳудуд) ва шакли ифодаи онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муҳим мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки таснифоти одатҳо имкон медиҳад, ки одатҳо аз рӯи аломатҳои муайян тақсим карда шаванд. Таснифоти одатҳо имкон медиҳад, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳои вобаста ба истифодаи одатҳои ҳуқуқии маданӣ ин меъёрҳоро оқилона истифода намуд.

8) Дар доираи тадқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби муаллиф муайян карда шудааст, ки одатҳо муаллифи мушаххас надоранд ва маҳсули фаъолияти дастҷамъона мебошанд. Офарандагони ҳуқуқи одатӣ, яъне, одамоне, ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд ва рафтори онҳо одатҳоеро ташкил медиҳад, ки онҳо бояд ҳамчун субъектҳои муомилоти мадание, ки ба онҳо тааллуқ доранд, баромад кунанд.

9) Дар таҳқиқоти пешниҳодгардида исбот шудааст, ки истифодаи одатҳои дар меъёрҳои қонунгузории мадании ҶТ пешбинигардида наметавонад ҳамчун шакли татбиқи меъёри ҳуқуқи одатӣ эътироф карда шавад, зеро қонунгузор ба одате ишора мекунад, ки ниҳоят бояд риоя шавад, шакли одатии худро гум карда, ба меъёри қонун табдил меёбад. Дар мавридҳое, ки қонун имконияти абстрактии истифодаи одатро дар муносибатҳои молумулкӣ бе нишон додани меъёрҳои мушаххаси одатҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ кардааст (моддаи 5-и КМ ҶТ), пешакӣ маълум нест, ки кадом меъёр дар байни дигар қоидаҳо иҷозат дода мешавад, ки дар амал пешбинӣ шудаанд. Далели он, ки одат бо эътирофи суд ба меъёри ҳуқуқ табдил меёбад, ҳуқуқтатбиқкунанда ҳуқуқ эҷод мекунад ва дар амал қоидаҳои рафтори дорои хусусияти ҳуқуқидоштаро татбиқ намекунад. Дар ин ҳолат амсоли судӣ унсурҳои одатро пурра ба худ мегирад.

10) Қонунгузории мадании ҶТ вобаста ба одатҳо ва одатҳои ҳуқуқӣ мавриди тахдил қарор дода шуда, муаммоҳои ҳуқуқию мураккабиҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо ошкор карда шудаанд;

11) Бо мақсади такмили танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар муомилоти маданӣ оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову

пешниҳодҳо ба тасвиб расиданд.

Муаллиф низоми мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи категорияи одатҳои муомилоти маданӣ таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва татбиқи одатҳои муомилоти маданӣ дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар фаъолияти судҳо пешниҳод менамояд. Ғояи мазкур ба натиҷаҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибаи судӣ, қонунгузорӣ ва амсолияи судӣ асос ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи муаллиф аз он далолат медиҳанд, ки таҳқиқот ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявию амалӣ, ки бо паҳлӯҳои гуногуни одатҳо дар муомилоти маданӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулгардида, муайян намудани он, таҳияи афкору тавсияҳои назариявию амалии рисоланавис, навоварии илмӣ ва тавсияҳо, таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи одатҳо дар муомилоти маданӣ алоқаманд аст, асос меёбад.

Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ташаккул ёфтааст, ки одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар соҳаи муайяни фаъолияти инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷойе, ки дар натиҷаи такрори якчандкаратаи шаклҳои муайяни рафтор хусусияти ҳатмӣ пайдо намуда, бояд бо маҷбуркунии оммавӣ ва барои танзими муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқии маданӣ тибқи иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи давлат истифода мешаванд.

Дарки мукаммал дар бораи хусусиятҳои татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ саҳмгузорӣ ба рушди ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми одатҳо дар муомилоти маданӣ дода нашудаанд. Муаллиф мафҳуми одатҳо дар муомилоти маданӣ ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқие эътироф кардааст, ки қонун онро муқаррар накардааст, ки дар соҳаи муайяни фаъолият дар натиҷаи такрори якчандкарата ва якхелаи шаклҳои муайяни рафтор ташаккул ёфтааст. Ҷамъоварии аломатҳои одатҳои ҳуқуқи маданӣ ба мо имкон медиҳад эътироф намоем, ки ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқат мекунанд, ки дар соҳаи муайяни фаъолияти инсонӣ, гурӯҳи иҷтимоӣ ё дар натиҷаи такрории якчандкаратаи шаклҳои муайяни рафтор, барои танзими муносибатҳои муайяни ҳуқуқии маданӣ ташаккул ёфтааст (саҳ. 150).

Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки одатҳо дар фарқият аз дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи маданӣ сабти хаттиро талаб намекунад ва қайд

мегардад, ки шакли нонавиштаи одатҳо имкон медиҳад, ки онро аз шартҳои намунавии шартномаҳо ва қоидаҳои ба ҳам шабеҳе, ки аксаран дар муомилоти маданӣ истифода мешаванд ва танҳо дар шакли хаттӣ дастрасанд, фарқ карда шавад (саҳ. 150).

Диссертант ба гурӯҳбандии одатҳо диққати махсус дода, қайд намудааст, ки одатҳоро дар ҳуқуқи маданӣ аз рӯи якчанд меъёрҳо гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ ӯ таснифоти одатҳоро дар муомилоти маданӣ чунин пешниҳод намудааст: аз рӯи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо; аз рӯи соҳаи татбиқкунӣ (истифодабарӣ); аз рӯи намуди меъёрҳои ҳуқуқии дар онҳо ифодаёфта (саҳ. 99).

Муаллиф қайд менамояд, ки истинод ба одатҳои дар ҳуқуқи маданӣ пешбинишуда барои иҷозат додани татбиқи ҳуқуқи одатӣ асос намебошанд. Агар муқаррароти қонун ба одате дахл дошта бошад, ки дар ниҳояти кор бояд риоя карда шавад, он одати худро гум карда, ба меъёри қонун табдил меёбад. Пешниҳод гардидааст, ки доираи татбиқи одатҳоро дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ васеъ карда шуда, доираи танзими имконпазир инкишофи одатҳои ҳуқуқи маданӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки дар доираи он иштирокчиёни муомилоти маданӣ метавонанд қоидаи рафторро озодона интихоб ва ё эҷод намоянд. Қонунан дар ин маврид бояд дар таърифи манфии доираи татбиқи ҳуқуқи одатӣ тавассути меъёрҳои императивӣ ҷамъбаст карда шавад (саҳ. 100, 151).

Диссертант дар тавсияҳо ба такмили қонунгузории маданӣ асоснок менамояд, ки ба мод. 489-КМ ҶТ, ки шартҳои намунавии шартномаро пешбинӣ менамояд, ки дар он шартҳои шартнома бо одатҳои муомилоти корӣ муайян карда мешаванд, тағйирот ворид карда шавад. Шартҳои намунавии шартнома одат шуда наметавонанд, зеро он ба муқаррароти модда 5-и КМ ҶТ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ татбиқи одатҳо нисбат ба меъёри диспозитивӣ асоснок мебошад (саҳ. 107-109).

Диссертант ба хулоса омадааст, ки кодификатсияи ғайрирасмии амалияи савдои байналмилалӣ мавҷуд аст ва он метавонад дар тафсири амалияи савдои байналмилалӣ барои ҳуқуқтатбиққунии якхела шомил карда шавад ё метавонад усули инъикоси таҷрибаи тиҷорати байналмилалиро тавассути ҷамъбасткунӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ, инчунин барои эътирофи он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалии савдо истифода шавад. Муаллиф қайд мекунад, ки одатҳои савдои байналмилалӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ вазифаи танзими меъёрии муносибатҳои тиҷоратии наздисарҳадӣ ва пур кардани холигиҳои шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин муайян намудани ҳуқуқҳои дар соҳаҳои алоҳидаи савдо татбиқшавандаро иҷро мекунанд (саҳ. 138).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқкунанда мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташударо оид ба одатҳои муомилоти маданӣ дуруст таҳлил намуда, нуктаҳои муҳими илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии маданӣ ва ватанӣ аҳамияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти маҷмӯавӣ оид ба одатҳо дар ҳуқуқи мадани дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони И. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти одатҳои муомилоти маданӣ дар муносибатҳои маданӣ истифода карда мешаванд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки ба танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ равона гардидааст, мусоидат менамоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба одатҳо дар ҳуқуқи мададнӣ истифода шаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони И. манзургардида дар хусуси инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одатҳо дар муомилоти маданӣ метавонанд дар омода намудани воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждани ва иқтисодӣ ва навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва дигар корҳои таҳқиқотию илмӣ истифода шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионй ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

1. Дар навгонии 1 муаллиф мафҳуми ҳуқуқи одатиро ҳамчун меъёрҳои қонун дар истифодаи мунтазами он аз тарафи шумораи номуайяни иштирокчиёни муомилоти маданӣ ифода кардааст. Ҷамъбасти аломатҳои

одатҳои ҳуқуқи маданӣ имкон медиҳад, ба хулоса омад, ки ин меъёрҳои ҳуқуқиест, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқат мекунанд, ки дар гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷомеа ва дар соҳаи ҳаёти инсонӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи такрори рафтори дахлдори иштирокчиёни муомилоти мадании мавҷудбуда, ки барои онҳо ҳатмӣ ва бо маҷбуркунии иҷтимоӣ таъмингардида мебошад.

2. Дар навгонии 5 бошад, муаллиф исбот намудааст, ки истифодаи одатҳои дар меъёрҳои қонунгузории мадании ҶТ пешбинигардида наметавонад ҳамчун шакли татбиқи меъёри ҳуқуқи одатӣ эътироф карда шавад, зеро қонунгузор ба одате ишора мекунад, ки ниҳоят бояд риоя шавад, шакли одатии худро гум карда, ба меъёри қонун табдил меёбад. Инчунин, диссертант ибрози андеша намудааст, ки дар мавридҳое, ки қонун имконияти абстрактии истифодаи одатро дар муносибатҳои молумулкӣ бе нишон додани меъёрҳои мушаххаси одатҳои ҳуқуқи пешбинӣ кардааст (моддаи 5-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), пешакӣ маълум нест, ки кадом меъёр дар байни дигар қоидаҳо иҷозат дода мешавад, ки дар амал пешбинӣ шудаанд. Далели он, ки одат бо эътирофи суд ба меъёри ҳуқуқ табдил меёбад, ҳуқуқтатбиққкунанда ҳуқуқ эҷод мекунад ва дар амал қоидаҳои рафтори дорои хусусияти ҳуқуқидоштаро татбиқ намекунад. Дар ин ҳолат амсоли судӣ унсурҳои одатро пурра ба худ мегирад.

3. Дар тавсияи амалии муаллиф пешниҳод менамояд, ки ном ва мазмуни моддаи 5 КМ ҶТ-ро дар таҳрири нав ифода карда шавад:

«**Моддаи 5. Одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ**

Дар муомилоти маданӣ одатҳои ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, агар онҳо дар меъёрҳои қонун пешбинӣ нагардида бошанд ва ба муқарраротӣ қонун, шартнома ва ба асосҳои ахлоқ мухолифат накунанд ва барои танзим ва татбиқи муносибатҳои муайяни маданӣ-ҳуқуқӣ равона гардида бошанд.».

Ба андешаи муаллиф аз аломатҳои дарҷгардидаи одатҳои муомилоти корӣ чунин бармеояд: агар қоида «ташаккул ёфта, ба таври васеъ истифода гардад», пас иштирокчиёни муносибатҳои фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар хусуси мавҷудияти он маълумот дошта бошанд. Аён аст, ки дар ин ҷо сухан оид ба эҳтимолияти донистан ва ё надонистан мавҷудияти одате меравад, ки дар ҳолатҳои муайян онро мавриди баҳс қарор додан мумкин аст. Истифодаи одатҳои муомилоти корӣ бояд мувофиқи мазмуни моддаи 5 КМ ҶТ амалӣ карда шаванд. Ӯ қайд менамояд, ки дар мафҳуми одатҳои муомилоти корие, ки дар моддаи 5 КМ ҶТ оварда шудааст, муқарраротӣ ниҳоят васеъ «қоидаи рафтори дар ягон соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ васеъ истифодашаванда»-ро пешбинӣ менамояд. Бо дарназардошти он, ки меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ дорои хусусияти хоса (фардӣ) мебошанд, пас аз рӯи моддаи 5 КМ ҶТ муайян намудани ҳудуди ифодаи «ба таври васеъ

истифодашаванда» ғайриимкон мебошад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки мафҳуми одатҳои муомилоти корӣ мувофиқи мафҳуми дар боло овардаи ҳуқуқи одатӣ дар муомилоти маданӣ муайян карда шавад.

Вобаста ба пешниҳоди мазкур муаллиф қайд менамояд, ки дар моддаи 5 КМ ҶТ дарҷ намудани танҳо «одатҳои муомилоти корӣ» қобили қабул намебошад, зеро дар мавзуи танзими маданӣ-ҳуқуқӣ мафҳуми зикргардида дигар «одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ» мавҷудбударо дарбар намегирад. Яъне, мафҳуми «одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ нисбат ба маҳуми «одатҳои муомилоти корӣ» васеътар мебошад.

4. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки мутобиқан ба КМИ ҶТ моддаи $13^1$ ва ба КМГ ҶТ моддаи $12^1$ илова карда шаванд:

**«Моддаи $13^1$. Татбиқи одатҳои муомилоти корӣ**

1. Суд қоидаҳои рафтореро, ки дар қонун пешбинӣ нашудаанд ва дар ҳама гуна соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ (одатҳои муомилоти корӣ) васеъ истифода мешаванд, татбиқ менамояд.

2. Одатҳои муомилоти корӣ татбиқ карда намешавад, агар он ба муқаррароти қонун ё шартнома, ки барои тарафҳо ҳатмӣ аст, мухолиф бошад.

3. Агар мазмуни одатҳои муомилоти корӣ, ки ба суд маълум нест, уҳдадории исботи асоснокии он метавонад ба зиммаи тарафҳо гузошта шавад. Ба далелҳо аз ҷониби тарафҳо пешниҳодгардида нигоҳ накарда, суд бо ташаббуси худ ҳуқуқ дорад тамоми иттилооти дигареро, ки мазмуни одатҳои муомилоти кориро муайян мекунад, истифода барад».

**«Моддаи $12^1$. Татбиқи одатҳои муомилоти корӣ**

1. Суд қоидаҳои рафтореро, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд ва дар ҳама соҳаи муомилоти маданӣ (одатҳо) васеъ татбиқ мешаванд, татбиқ менамояд.

2. Одатҳои муомилоти маданӣ татбиқ карда намешавад, агар он ба муқаррароти қонун ё шартнома, ки барои тарафҳо ҳатмӣ аст, мухолиф бошад.

3. Агар мазмуни одатҳои муомилоти маданӣ, ки ба суд маълум нест, уҳдадории исботи асоснокии он метавонад ба зиммаи тарафҳо гузошта шавад. Ба далелҳо аз ҷониби тарафҳо пешниҳодгардида нигоҳ накарда, суд бо ташаббуси худ ҳуқуқ дорад тамоми иттилооти дигареро, ки мазмуни одатҳои муомилоти маданиро муайян мекунад, истифода барад».

Муаллиф қайд менамояд, ки аз рӯи баҳсҳои аз аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ пайдогардида таҷрибаи муайяни судие шакл гирифта буд, ки тибқи он уҳдадории исботи мавҷудияти одатҳои муомилоти корӣ ба он тарафе вогузор мегардад, ки ба онҳо истинод меорад. Вале барои пурра намудани норасоиҳо дар мазмуни шартнома одатҳои муомилоти корӣ аз ҷониби худи

судҳо истифода бурда мешуданд. Тибқи қисми 3 моддаи 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» арбитраж дар ҳамаи ҳолатҳо мутобиқи шартҳои шартнома ва бо назардошти одатҳои тиҷоратие, ки нисбати ҳамин аҳд татбиқ мешаванд, ҳалнома қабул менамояд. Бо вуҷуди ин, чунин таҷриба дар муносибатҳои дохилидавлатӣ қобили қабул эътироф гардиданаш аз эҳтимол дур аст. Агар одатҳои муомилоти корӣ (ба монанди дилхоҳ одати ҳуқуқӣ) меъёри ҳуқуқ бошад, пас он бояд аз ҷониби судҳо на чун далеле, ки бояд тасдиқ карда шавад, балки ҳамин гуна татбиқ карда шавад. Хулосаи мазкур ба муқаррароти Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМИ ҶТ), ки аз 5 январи соли 2008 мавриди амал қарор гирифтааст, мутобиқ мебошад. Дар моддаи 13 КМИ ҶТ муайян гардидааст, ки судҳои иқтисодӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун одатҳои муомилоти кориро татбиқ менамоянд. Ин маънои онро дорад, ки суди иқтисодӣ ҳангоми пайдо гардиднаи зарурати истифодаи одатҳои муомилоти корӣ нисбати муносибатҳои баҳсӣ бояд мазмуни одатҳои муомилоти кориро тавассути ҷалби дилхоҳ воситаҳо (айни замон маҷмӯаҳои одатҳо ва қоидаҳо ва шартномаҳои намунавӣ ва ё намудҳои қолабӣ аз ҳама воситаҳои дастрас ба ҳисоб мераванд) мушаххас намояд. Яқин аст, ки тарафҳо дар рафти кор аз имконияти истинод овардан ба мавҷудият ва истифодаи одатҳо маҳрум нагардида, уҳдадории дар ҳолатҳои муайян татбиқ намудани онҳо ба зиммаи суд вогузор мегардад. Ба андешаи муаллиф муқаррароти қисми 1 моддаи 12 Кодекси мурофиавии мадании ҶТ (минбаъд – КММ ҶТ) дар хусуси он, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ суд парвандаҳои маданиро тибқи талаботи одатҳои муомилоти корӣ ҳал мекунад на он қадар муносиб мебошад. Одатҳои муомилоти корӣ муносибатҳоро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба танзим даровардa, ҳалли баҳсҳо дар ин самт ба ваколати судҳои иқтисодӣ (моддаи 26 ва 27 КМИ ҶТ) дохил мешавад. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби судҳои юрисдиксияи умумӣ истифода гардидани одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ дурустар мебуд.

Бинобар ин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМИ ҶТ ва КММ ҶТ таҷрибаи истифодаи одатҳои муомилоти корӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ дигар нисбати муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ пайдо мегардад. Айни замон, дар қарорҳои судӣ асосан истинод ба моддаҳои КМ ҶТ, ки истифодаи одатҳои муомилоти кориро иҷозат медиҳанд, ҷой дода мешаванд.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи рисола, мафҳум ва моҳияти он дар 5 васоити таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ инъикос гардидааст, ки 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядодашуда ва 11-тоаш дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Ҳаҷми диссертатсия Анушервони Исрофил тибқи талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:**

1. Аз ҷониби диссертант дар натиҷаи таҳлили муқарраротҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷиксͥитон зикр карда мешавад, ки моддаи 5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикситон, ки мафҳуми одатҳои муомилоти корӣ ва муқарраротӣ дигари пешбининамудаи қонунгузории маданиро дар бар мегирад, ки одатҳои байналмилалии савдоӣ яке аз намуди одатҳои муомилоти корӣ мебошад. Ба андешаи мо хулосаи мазкур баҳснок мебошад, зеро ба омезиши одатҳои байналмилалии савдоӣ ва одатҳое, ки дар доираи юрисдиксияи давлати алоҳида ташаккул ёфта, иҷозат гардидаанд, оварда мерасонад ва ин дар умум ба табиати онтологии одатҳои байналмилалии савдоӣ чун сарчашмаи танзиме, ки берун аз иродаи давлатӣ дар рафти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҷамоаи байналмилалии соҳибкорӣ ба миён омадаанд, мутобиқ намебошад. Дар ҳолате, ки одатҳои муомилоти кории дар дар моддаи 5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикситон пешбинигардида табиати миллӣ-ҳуқуқӣ дошта, дар рафти ҳамкории субъектони хусусии як низоми ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, дар асоси изҳори иродаи давлатӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо менамоянд, одатҳои байналмилалии савдоӣ аз рӯи табиаташ ғайридавлатӣ буда, новобаста аз иродаи давлатӣ аз рӯи соҳаи пайдоиш хусусияти байналмилалӣ доранд ва илова бар ин ба иҷозат гардидан аз тарафи далват ниёз надоранд. Дар асоси гуфтаҳои боло омезиши ду гурӯҳи одатҳои аз лиҳози механизми пайдоиш ва табиати ҳуқуқӣ комилан мухталиф – одатҳои муомилоти кории миллӣ ва одатҳои байналмилалии савдоӣ ва одатҳои байналмилалии савдоиро тибқи моддаи 5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикситон баррасӣ намудан, ба андешаи мо амали дуруст ба шумор намеравад. Аз ин рӯ, ин масъала асоснокии иловагиро талаб менамояд.

2. Диссертант дар раванди таҳқиқоти илмӣ ишора ба он менамояд, ки ташаккули ҳуқуқи одатӣ ба муассисаҳои судӣ вобастагии зич доштанаш

мумкин аст. Бо ин назардошт гарчанде ғояҳои муосири илмӣ оид ба масоили мазкур мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, аз ҷониби худи муаллиф мавқеи мустаҳкам роҷеъ ба ин ғояи пешкашнамуда ба таври пурра зикр нагардидааст. Бо ин назардошт аз диссертант пурсида мешавад, ки дар мавриди ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мазкур бештар равшанӣ андохта шавад.

3. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар зербоби дуюми боби 1 муқарроти моддаи 5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, пешкаш намудааст, ки муқаррароти мазкур такмил дода шавад. Аммо ба андешаи мо ҳолати мазкур то ба охир асоснок карда нашудааст.

Андешаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Анушервони Исрофил ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Анушервони Исрофил ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии

кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумрук Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 13 нафар: тарафдор - 13 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 4 аз 8 марти соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Нодиров Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 18 нафар: тарафдор - 18 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 8 аз 13 марти соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон — Меликов У.А.

**Ташхисгар:**
мудири кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Нодиров Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Сафаров И.Д.

«Имзои У.А. Меликов, Ф.М. Нодиров ва
И.Д. Сафаровро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+ 992 37) 234-88-02, (+ 992 37) 234-88-24 Почтаи электронӣ info@iutet.tj